# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус)

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки он ба масъалаи хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бахшида шудаст. Тарбияи насли наврас дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур дар бобати кӯдакони имконияташон маҳдуд диққати бештарро талаб мекунад.

Аҳамияти таҳқиқот дар он аст, ки хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқидошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо ҳалли кушодани роҳҳои бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ алоқамандбуда, амалӣ мегардад. Ин масъала бо муайян сохтани он шароитҳое алоқаманд мебошад, ки ба шарофати онҳо дараҷаи баланди инкишофи зеҳнии кӯдакон таъмин карда мешавад, яъне онҳо нишон медиҳад, ки дар кадом вазъият таълим инкишофдиҳанда шуда метавонад.

Қайд мегардад, ки яке аз шартҳои асосии муваффақиятҳои таҳсилоти фарогир ба салоҳияти касбии мураббия вобаста аст. Хусусияти ташкили таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки мураббияон бояд аз омодагии махсуси касбӣ гузаранд. Мураббиён бояд донишҳо дар бораи таҳсилоти фарогир ва психологияи синну солӣ, хусусиятхои психофизиологии кӯдакон, методикаи баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва инфиродӣ бохабар буда, дар бораи кӯдакони дорои маҳдудияти ҷисмонӣ ва саломатӣ дошта кор бурда тавонанд.

Маводи таҳқиқот барои омода кардани мутахассисони таҳсилоти томактабӣ, пажӯҳишгарони илми соҳаи педагогикаи махсус, нуқсоншиносон, логопедон, равоншиносони тоҷик арзишманд буда, метавонанд дар омодагии касби мураббиён дар факултетҳои педагогии донишгоҳҳои омӯзгорӣ, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар курсҳои такмили ихтисос, инчунин, барои омӯзгорони махсус-таҷрибаомӯзони мактабҳои ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур ва шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 05.02.2026, №2).

Дар хулосаи дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, шуъбаи педагогика,психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки масъалаи кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқдошта аз ҷиҳати равонӣ ва педагогӣ ошкор ва аниқ гардида, аҳамияти он дар муҳити таълимии МТТ нишон дода шудааст. Шароитҳои педагогии таҳқиқу омӯзиши кӯдакони нуқсони нутқдошта дар шароити муосир оварда шуда, робитаи психологӣ-педагогии муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон татбиқ гардидааст. Низоми метод ва равишҳои педагогӣ-равонӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди таълим ва корҳои инфиродӣ таҳия ва ҷорӣ карда шуданд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Илм дар бораи ихтилоли нутқ, усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; банди 4.2. – Сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; системаи корҳои ислоҳӣ; таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқ мебошад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди таҳлил, татбиқи пайгиронаи

асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, инчунин истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот мутобиқат доранд, асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо бо роҳи санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ, татбиқи онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

Такя ба пойгоҳи кофии сарчашмаҳои илмӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои баровардашуда ҳамчун асоснок, боэътимод ва дорои арзиши назариявию амалӣ арзёбӣ шаванд.

Шумораи интишороти довталаб дар 13 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия эътирофшуда, 5 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп дидаанд.

Маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлил ва таркиби равишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар асосноккунии ақидаҳои пешбаранда, истифодаи усули мувофиқ ба мақсад, вазифаҳо, маҷмуи усули сифатӣ ва миқдории таҳлил, фарзия таъмин карда шудааст.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаброзида тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикисон ва **Меҳридинзода Толиб Меҳриддин** - номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини декан оид ба таълими факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) таҳлилу баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 56D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) мутобиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикисон
- **Меҳридинзода Толиб Меҳриддин** - номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини декан оид ба таълими факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ

Ба сифати муассисаи пешбар **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М.И.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.
номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М.

31.03.2026

*Имзои Иззатова М.И., Туронов С.Ш., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.